**«ДАР БОРАИ ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ОМОРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НУҲ МОҲИ СОЛИ 2017 ВА ВАЗИФАҲО ТО ОХИРИ СОЛИ 2017»**

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пайгирии равандҳои тағйирёбандаи рушди иқтисодиёт дар бахшҳои мухталифи ҷомеа пешниҳод намудани иттилооти бовариноку эътимоднокро саривақтӣ ва зарур мешуморад.

Дар стратегияи дарозмуҳлати мақомоти омор махсусан масоили азнавкунонии методологияи оморӣ мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани механизми автоматикунонии иҷрои корҳо, гузаронидани мониторинги ҳолати макроиқтисодӣ, ҷорӣ намудани таснифотҳои омори байналмилалӣ ҳангоми муайян намудани нишондиҳандаҳои системаи омори миллӣ ва усулҳои ташаккули онҳо ва дигар мақсадҳои системаи умумии паҳн намудани маълумоти оморӣ пешбинӣ гардидаанд.

Агентии омор якҷоя бо муассисаи давлатии Маркази кулли ҳисоббарорӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ дар нуҳ моҳи соли 2017 иҷрои маҷмӯи вазифаҳоеро ба амал баровард, ки ҷараёни ҷамъоварӣ, коркарди иттилооти оморӣ, фаро гирифтани мушоҳидаҳои омории субъектҳои хоҷагидор дар асоси истифодаи усулҳои пешқадами интихобии мушоҳидаҳои оморӣ, таҳқиқотҳои интихобӣ ва дар амалия ба таври васеъ истифода намудани методологияи аз ҷиҳати илмӣ асоснок оид ба арзёбии нишондиҳандаҳои оморӣ ва ҳисобу китоби он, инчунин ба амал баровардани назорат нисбат ба шаффофияти нишондиҳандаҳои оморӣ бо истифодаи технологияи муосири иттилоотиро дар бар мегиранд.

Мақомоти омори Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016, фармонҳо, супоришҳо, дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои омор ва барномаю накшаҳои иқтисодию иҷтимоиро сармашқи кори худ қарор дода, Барномаи тасдиқкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи корҳои оморӣ барои соли 2017” ва вазифаҳои дар назди мақомот дар нуҳ моҳи соли 2017 ба нақша гирифташударо дар муҳлатҳои пешбинигардида пурра иҷро намуд.

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ҳамагӣ 7,6 ҳазор корҳои оморӣ иҷро карда шуданд, ки таъмини иҷрои корҳои дар ин давра банақшагирифташударо ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, дар давраи

сипаригардидаи соли ҷорӣ тибқи Барномаи корҳои оморӣ 13 таҳқиқотҳои интихобӣ гузаронида шуд.

Илова ба ин корҳои саҳроии таҳқиқотҳои интихобии якдафъаинаи “Тиббӣ-Демографии Тоҷикистон” ва “Тарози сӯзишворию энергетикии (ТЭБ)” дар ҷараён қарор доранд.

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ба Агентии омор 82 қонуну - қарорҳо 437 супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1190 мактубҳои вазорату идораҳо, 388 - мактубҳо аз мақомоти маҳаллии омор, 216 мактубҳо бо воситаи Ҳукумати электронӣ ва почтаи электронии Агентӣ ва 15- мурочиати шаҳрвандон бо таври хаттӣ ворид шудаанд, ки мавриди корбарӣ қарор гирифта, сари вақт иҷро ва мувофиқи дархостҳо ҷавобҳои дахлдор фиристода шуданд.

Ҷиҳати иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016-2021 иҷрои як қатор корҳо таъмин гардиданд.

Дар ин давра ҷаласаҳои навбатии гурӯҳи корӣ оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ баргузор гардида масъалаҳои вобаста ба рафти иҷрои нақша - чорабиниҳо, гузариш ба таснифоти намуди фаъолияти иқтисодӣ (тафсири 2), гузариш ба ҳисоботҳои омории электронӣ, баррасии натиҷаҳои таҳқиқотҳои интихобии якдафъаина, баррасии методологияи баҳисобгирии оморӣ оид ба таҳсили калонсолон, ҷойҳои кори навтаъсис, духти либоси мактабӣ, гармхонаҳо, баҳисобгирии захираи пахта, баҳисобгирии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ ба собиқадорони ҷангу меҳнат, пиронсолон ва маъюбон, захираи маҳсулоти кишоварзӣ ва маводи тайёри озуқа ва дигар масъалаҳо мавриди муҳокима қарор дода шудааст.

Лозим ба қайд аст, ки ҷиҳати иҷрои супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таҳсили калонсолон ва баҳисобгирии ҷойҳои кории навтаъсис якҷоя бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли нави ҳисоботи оморӣ таҳия шуда, аз ҳисоботи семоҳаи якуми соли ҷорӣ тавассути мақомоти зертобеи Вазорат ҷамъоварӣ ва ба мақомоти омори давлатӣ пешниҳод гардида истодааст.

Ҳамзамон тибқи дархости мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва дар асоси супориши муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили «Тартиби ташкили қабул, захира ва баҳисобгирии омории пахта дар субектҳои хоҷагидоре, ки захираи пахтаро дар хоҷагиҳои худ мегузаронанд» ҷаласаи зергурӯҳи корӣ оид ба омори кишоварзӣ бо

иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон доир гардида, вобаста ба масъалаи мазкур қарори дахлдор қабул карда шуд ва иҷроиши қарори мазкур марҳила ба марҳила таъмин гардида истодааст.

Илова ба ин, дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ бо мақсади тақвияти ҳамоҳангӣ бо вазорату идораҳои дахлдор дар самти баҳисобгирии оморӣ ҷаласаи якҷоя дар сатҳи муовинон ва сардорони раёсатҳои дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон ва Агентии омор баргузор гардида масъалаи баҳисобгирии оморӣ аз руи шакли 1-молия «Ҳисобот дар бораи нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявии корхона (ташкилот) ва ҳисоботи дохилиидоравии 1-Амалиётҳои молиявӣ «Ҳисобот дар бораи амалиётҳои молиявӣ» баррасӣ гардида, бо мақсади такрор нашудани фаъолият дар самти баҳисобгирии нишондодҳои шакли 1-молия аз руи ҳисоботи 1-Амалиётҳои молиявӣ таҳия карда мешаванд.

Гузариш ба системаи ҳисобҳои миллии соли 2008 низ ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти гурӯҳи кории байниидоравӣ маҳсуб ёфта, дар нақшаи чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ қайд шудааст. Бо мақсади баррасии масъалаи мазкур ва рафти иҷрои корҳо дар ин самт дар Агентӣ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ҷаласаи зергурӯҳи корӣ оид ба системаи ҳисобҳои миллии соли 2008 доир гардида, мушкилоту норасоиҳо барои пешниҳоди маълумотҳои маъмурии вазорату идораҳо барраси гардиданд. Яке аз масъалаҳои мубраме, ки имрӯз ҳалли сарвақтиро тақозо менамояд, ин дар алоҳидагӣ ба ҳисоб гирифтани андозҳои шахсони воқеӣ ба ҳисоб меравад. Лозим ба қайд аст, ки андоз аз шахсони воқеӣ қисмати даромад ва хароҷоти пулии аҳолӣ мебошад, аз ин ру, нишондодҳои воқеӣ бояд ба даст оварда шаванд. Пешниҳод карда шуд, ки Вазорати молия ва Кумитаи андоз пешбурди баҳисобгирии андоз аз шахсони воқеиро ҳар моҳ ба роҳ монанд.

Инчунин дар ин давра ҷаласаи зергурӯҳи кории байниидоравӣ дар ҳайати намояндагони вазоратҳои молия, нақлиёт, корҳои хориҷӣ, рушди иқтисод ва савдо ва Бонки миллӣ гузаронида шуд, ки ҳадафи асосии ҷаласаи мазкур баррасии мукаммалии ҳисоботи 8- АИХ хизматрасонии байналмилалӣ ва ҳисоботҳои сайёҳӣ ба ҳисоб рафта, илова ба ин, бо масъулини Вазорати нақлиёт ва корхонаҳои нақлиётии байналмилалӣ, ки ба хизматрасонии байналмилалӣ машғуланд, семинар машварат гузаронида шуд.

Илова ба ин дар Шӯрои камбизоатии назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки коршиносони байналмилалӣ, намояндагони вазорату идораҳо натиҷаҳои таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо оид ба вазъи камбизоатӣ дар соли 2016 муаррифӣ гардид.

Ҷиҳати ташкили корҳои омодаги барои гузаронидани таҳқиқоти Тиббӣ-Демографии Тоҷикистон дар доираи кӯмаки техникии Агентии рушди байналмилалии ИМА бо Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи роҳбарикунанда ва гурӯҳи техникӣ оид ба гузаронидани Таҳқиқоти Тиббӣ-Демографии Тоҷикистон – 2017 аз ҳисоби роҳбарият ва мутахассисони Агентии омор ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таъсис дода шуд. Дар ин давра дар якҷояги бо коршиноси байналмиллалӣ, мутахассисони Вазорати тандурустӣ, Кумитаи кор бо занон ва оила ва ташкилотҳои байналмиллалӣ оид ба такмил ва мутобиқгардонии саволномаҳои таҳқиқоти мазкур семинар ва вохуриҳо гузаронида шуд. Ҳамзамон рӯйхати ниҳоии қитъаҳои интихобгардидаи таҳқиқоти мазкур бо аниқ намудани суроғаҳо омода карда шуда, моҳи майи соли ҷорӣ семинари омӯзишӣ оид ба тайёр намудани харитасозон ва рӯйхаттартибдиҳандагон бо иштироки коршиносони байналмиллалӣ гузаронида шуд.

Бояд қайд намуд, ки корҳои руйхаттартибдиҳӣ дар чорабинии мазкур пурра ба таври электронӣ ба роҳ монда шуда, ҷамъоварии маълумотҳо то фиристонидани маълумот ба дастгоҳи марказӣ ба роҳ монда шуд, ки ин як дастоварди бузурги мақомоти омор дар самти модернизатсиякунонии низоми омори миллӣ ба шумор меравад.

Айни замон корҳои саҳроии таҳқиқоти мазкур оғоз гардидааст, ки ҷиҳати бо сифат ва саривақт гузаронидани таҳқиқоти мазкур марҳилаи якуми мониторинги эътимоднокии таҳқиқоти мазкур дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуд.

Инчунин дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ дар доираи лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ барои кормандони таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо оид ба такмили саволномаҳои Таҳқиқоти буҷети хонавода ва усули ҷамъоварии электронии маълумотҳои таҳқиқоти мазкур 3 семинари омузишӣ гузаронида шуд.

Бо ҳамин мақсад дар Сарраёсати вилояти Суғд - 21 нафар, дар вилояти Хатлон - 22 нафар, дар НТҶ - 10 нафар, шаҳри Душанбе - 6 нафар ва ВМКБ - 5 нафар омӯзонида шуданд. Дар маҷмӯъ 64 нафар кормандони таҳқиқоти буҷети хонавода омӯзонида шуданд.

Ҳамчунин дар доираи лоиҳаи мазкур кормандони буҷети хонавода дар маҳалҳо бо планшетҳо таъмин карда шуданд ва дар моҳҳои феврал - март 500 хонавода тариқи интихобӣ пурсида шуданд.

Оид ба такмил ва азнавкунии таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо дар 750 хонаводаҳои интихобгардида пурсиши аҳолӣ аз рӯи саволномаҳои нав анҷом дода шуд. Айни замон махзани маълумотҳо омода карда шуда барои таҳлил ба коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ пешниҳод карда шуд. Дар ин замина бо пешниҳоди Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ ба таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо ду модули иловагӣ оид ба хароҷотҳои тандурустӣ ва маъюбӣ илова карда шуданд.

Аз ҷониби Агентии омор дар доираи созишномаи Ташкилоти Умумиҷаҳонии озуқа ва кишоварзии СММ таҳқиқоти гуногунии минималии хӯроки занон бо пурсиши 2000 занҳои синни 15-49 соларо гузаронида шуд, ки хазинаи маълумотҳо омода карда шуда ба шуъбаи ғизои Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ (ФАО) фиристонида шуданд. Тибқи нақша моҳи июли соли ҷорӣ дар Агентӣ бо иштироки коршиносони байналмилалӣ семинари омузишӣ оид ба тартиби таҳлили натиҷаҳои Таҳқиқоти гуногунии минималии хӯроки занон гузаронида шуд. Бояд қайд намуд, ки Тоҷикистон аввалин кишвари таҷрибавӣ дар минтақаи кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил мебошад, ки таҳқиқоти гуногунии минималии хӯроки занонро мегузаронад.

Бояд қайд намуд, ки натиҷаҳои таҳқиқоти яқвақтаинаи интихобии «Маржаи савдо» дар шакли ҳисоботи таҳлилӣ таҳия шуда, барои баррасӣ ба комисияи иқтисоди ва иҷтимоӣ мамлакатҳои Осиё ва Уқёнуси Ором (ЭСКАТО) пешниҳод гардид. Айни замон, маълумот оид ба маржаи савдо тибқи талаботи системаи ҳисобҳои миллӣ барои ҳисоби ҷадвалҳои захира ва хароҷот дар ҷадвали муқарраршуда аз рӯи номгӯи молҳо мавриди истифода қарор дода шуд.

Ҷиҳати иҷрои бандҳои 27 ва 36-и Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2017 №АП-820, банди 8-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2016 №531 “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 ва вазифаҳо барои соли 2017” ва банди 26-и Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2016, №14, шакли ҳисоботи омории байниидоравии №1-касбомузӣ ва шакли №1-касбомузӣ (ҷамъбастӣ) “Ҳисобот дар бораи касбомӯзӣ дар марказҳои касбомӯзии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли

аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон” шакли № 1 – касбомӯзӣ семоҳа – солона бо Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2017, №10 тасдиқ гардида аз семоҳаи аввали соли 2017 ҷорӣ карда шуд.

Инчунин аз ҷониби Агентии омор дар нуҳ моҳи соли 2017 -ум оиди ҷараёни иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016 - 2021 аз 29 октябри соли 2015, № 614, оид ба иҷрои бандҳои 1 ва 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2017, №177 «Дар бораи саривақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2017 - 2018», оид ба иҷрои банди 26-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 2016, №316, оид ба ҷараёни иҷрои сархати сеюми банди 1-уми қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2016, №531 ва оид ба ҷараёни иҷрои бандҳои дахлдори нусха аз Протоколҳои маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақт ҷавобҳои муфассал пешниҳод карда шудааст.

Илова ба ин дар ҷаласаи гуруҳи кории байниидоравӣ, ки моҳи сентябри соли ҷорӣ баргузор гардид, дар мувофиқа бо аъзоёни гуруҳи кории байниидоравӣ ҷиҳати мукаммал намудани мазмуни таҳлилии ҷадвали нишондиҳандаҳои пешакии иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва нишондиҳандаҳои асосии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, тибқи талабот ба ҷадвалҳои мазкур як қатор нишондиҳандаҳои иловагӣ ворид карда шуд, ки нишондиҳандаҳои мазкур барои мавриди таҳлили васеъ қарор додани нишондиҳандаҳои оморӣ имконияти мусоидро фароҳам меоварад.

Бояд қайд намуд, ки ҷамъбасти нуҳ моҳаи соли ҷорӣ дар асоси ҷадвалҳои мазкур таҳия карда шуданд.

Ба таври мунтазам таҳия намудани маълумоти фаврӣ дар бораи нархҳои маҳсулотҳои асосии истеъмолӣ дар бозорҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ (нархҳои молҳои асосӣ аз 21 шаҳру ноҳияҳо дар як ҳафта ду маротиба рӯзҳои душанбе ва ҷумъа бақайд гирифта шуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба воситаи сомонаи расмии Агентӣ барои ҳамаи истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ пешниҳод гардида истодааст.

Ба ҳолати 1 октябри соли 2017 шумораи субъектҳои бақайд гирифташуда 518,1 ҳазор ададро ташкил намуд, ки аз он ҷумла дар «Равзанаи ягона» 514,7 ҳазор ададро ташкил кард, ки аз онҳо 474, 9 ҳазор адад ҳамчун соҳибкори инфиродӣ бақайд гирифта шудаанд.

Дар ҳамин давра 216,2 ҳазор субъекти хоҷагидор барҳам дода шуд, ки аз онҳо 207,7 ҳазор адад соҳибкорони инфиродӣ мебошанд. Айни замон 301,6 ҳазор субъекти хоҷагидори фаъолияткунанда бақайд гирифта шудааст, аз он ҷумла дар «Равзанаи ягона» 298,6 ҳазор адад ба қайд гирифта шудааст. Аз шумораи умумии фаъолияткунандагон 31,0 ҳазор шахсони ҳуқуқӣ, 362 филиал – намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва 267,2 ҳазор адад соҳибкорони инфиродӣ мебошанд.

Дар нуҳ моҳи соли 2017 тибқи Барномаи корҳои оморӣ 27 маҷмӯаи оморӣ, 170 бюлетени оморӣ, 32 маълумот, 98 иттилооти таъҷилӣ ва 52 гузоришҳои оморӣ омода ва нашр карда шуданд.

Мавриди зикр аст, ки дар доираи татбиқи Лоиҳаи «Стратегияи миллии рушди омор», ки аз ҳисоби хазинаи кумаки ЕКАСТАТ тавассути Бонки умумиҷаҳонӣ маблағгузорӣ мешавад, баланд бардоштани малакаи мақомоти омори миллӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар доираи созишномаи мазкур бо пудратчии Лоиҳа Ширкати ДевСтат дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 15 миссияи коршионсони байналмилалӣ, аз он ҷумла бо роҳбарияти DevStat баргузор гардид. Баъд аз ҳар як миссия масъулони Агентии омор нақша оид ба пешниҳодҳои коршиносони байналмилалӣ барои амалисозӣ мониторингҳо ба нақша гирифтаанд.

Миссияи мазкур дар равияҳои зерин амали шудааст: бо мақсадӣ омӯзонидани кормандони Агентӣ ба қисмати назариявии истифодаи тасҳеҳоти мавсимӣ; таҳияи Стратегияи навбатии рушди соҳаи омор барои солҳои 2018 - 2022; такмили методология ва ҳисоби индекси нархҳо, барои беҳтар намудани сифати саволнома ва таҳқиқоти соҳаи саноат, инчунин методологияи пуркунии он, барои азнавбаррасии шаклҳои ҳисоботӣ ва саволномаҳои таҳқиқот; барои беҳтар намудани сифати маълумоти оморӣ ва истифодаи модели намунавии ташаккули иттилооти оморӣ (GSBPM); оид ба таҳияи хазинаи маълумотҳо; тақвият додани имкониятҳои ташаккули иттилооти оморӣ аз рӯи соҳаҳои алоҳида ҳисобҳои миллӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ, арзёбии иқтисодиёти мушоҳида-нашаванда, баҳодиҳии ҳисоби ММД-и семоҳа арзёбии истеҳсолоти миёнаравии молиявӣ, бо дарназардошти таҳияи тавсияҳои методи манзур гардид.

Илова ба ин аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ барои гузаронидани таҳқиқоти захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкил ва амалисози стратегияи паҳн намудани маълумотҳои оморӣ, ташкил намудани китобхонаи электронӣ, омода намудани модели буҷети муваққати барои муҳосибҳо дар

таҳқиқоти хонавода, дар соҳаи ҳисобҳои миллӣ барои гузариш ба маҳсулнокии маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар сатҳи вилоятҳо, барои муқаррар намудани стандартҳои пешниҳоди маълумот ва мубодилаи маълумоти оморӣ, бо назардошти истифодаи стандарти байналмилалии SDMX ва ҷорӣ намудани системаи методологӣ ва дар тақвияти шаклҳои ҳисоботӣ оморӣ кӯмаки техникӣ расонида шуд;

Инчунин дар доираи лоиҳаи мазкур дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ панҷ маротиба сафарҳои хориҷӣ барои 22 нафар мутахассисони мақомоти омор, аз ҷумла:

Оид ба тасҳеҳоти мавсимӣ дар Донишкадаи омори Туркия 4 нафар кормандони Агентии омор аз курси омӯзишӣ гузаштанд.

Дар Мактаби олии иқтисодии Русия дар шаҳри Москва кормандони Агентии омор ва МД "Маркази кулли ҳисоббарорӣ" оид ба омори нарх дар мавзуъҳои: истифодаи усули электронии бақайдгирии нархи молҳои истеъмолӣ ва хизматҳо; ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ (гузариш ба ҳисоби миёнаи геомтерӣ, шиносоӣ ба раванди омодагии навишти асосноккунии иқтисодӣ) ва оид ба низоми ҳисобҳои миллӣ; ҳисоби Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии семоҳа, ҷори намудани стандарти СҲМ - 2008, такмили тавозуни даромад ва хароҷоти пулии аҳолӣ ва алоқамандии он бо ҳисобҳои миллӣ, инчунин оид ба «Арзёбии истеҳсолоти ғайрирасмӣ (омори саноат) аз курси омӯзишӣ гузаштанд.

Илова ба ин барои 3 нафар кормандони Агентии омор ва намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳуриҳои Олмон ва Чехия оид ба Системаи ҳисобҳои миллӣ ва фаъолияти ғайриқонунӣ дар ҳисобҳои миллӣ семинари омӯзиши гузаронида шуд.

Моҳи августи соли 2017 дар вилояти Иссиққули Ҷумҳурии Қирғизистон барои 6 нафар кормандони мақомоти омор дар давоми 2 ҳафта курси забономӯзӣ гузаронида шуд.

Инчунин аз ҷониби коршинос Ирина Горячева семинари дохилӣ оид ба усулҳои бақайдгирии нархҳои истеъмолӣ, назорати сифати иттилооти ҷамъоваришаванда, индекси нархҳо дар сатҳи минтақаҳо барои мутахассисони шуъбаи нархҳо ва тарифҳо ва кормандони мақомоти маҳаллии омор гузаронида шуд. Дар семинари мазкур мутахассисон - бақайдгирандагони нархҳо аз ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе иштирок намуданд.

Дар асоси натиҷаҳои ду таҳқиқоти дар доираи Лоиҳа гузаронидашуда ҳисоботи таҳлилӣ оид ба таҳқиқоти

истифодабарандагони об ва таҳқиқоти қувваи корӣ омода карда шуданд. Бояд қайд кард, ки фарқияти асосии ин таҳқиқот аз таҳқиқотҳои пешина аз он иборат аст, ки он бо дарназардошти меъёрҳои нави арзёбии фаъолияти меҳнатӣ, шуғл ва истифодаи нопурраи қувваи корӣ, ки дар Конфронси байналмилалии 19-уми омори меҳнат, ки моҳи октябри соли 2013 қабул шудаанд, гузаронида шуд. Илова ба ин, ҳамин далелро бояд зикр намуд, ки Тоҷикистон нахустин кишвар дар қаламрави давлатҳо – аъзоёни ИДМ аст, ки аз рӯи тавсияҳои байналмилалии Ташкилоти умумиҷаҳонии меҳнат оид ба шуғл таҳқиқоти калонҷанба гузаронид.

Дар доираи Лоиҳа барои гузаронидани "Таҳқиқоти оид ба муайян намудани мақоми иқтисодиёти энергетикӣ ва самаранокии истифодаи он" барои кашидани сохтори тарози сӯзишворию энергетикии (ТЭБ) аз 26 то 29 июли соли 2017 дар Агентии омор, мақсади ба қатори хонавода ва соҳибкорони инфиродӣ ба гузаронидани "Таҳқиқотҳо барои муайян кардани вазъи иқтисодиёти энергетикӣ ва самаранокии истифодаи он», ин коргоҳи омӯзишӣ барои листер ва ҳамоҳангсозони ташкил намуд. Аз 10 то 29 августи соли 2017 рӯйхати дар минтақаҳои кишвар гузаронида шуд, ки интихобан 3000 хонавода ва 7669 соҳибкорони инфиродӣ, ва ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ аз тарафи пурсиши пайваста фаро гирифта шудаанд. Таҳқиқоти мазкур аз моҳи октябри соли ҷорӣ оғоз гардид.

Гузариш ба ҳисоботи электронии оморӣ тақозои замон буда, дар доираи татбиқи Лоиҳаи «Стратегияи миллии рушди омор», то ба имрӯз чанде аз ҳисоботҳои оморӣ, аз қабили ҳисобот оид ба меҳнат (моҳона, семоҳа), саноат (моҳона), хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ ва савдои чакана пурра ба тариқи электронӣ пешниҳод гардида истодааст.

Қадами минбаъда дар ин ҷода роҳандозии дафтари электронии хоҷагии хонавода дар мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот мебошад. Бояд зикр намуд, ки мақомоти омор барои амалӣ намудани ин чорабинӣ шаҳри Нораки вилояти Хатлон ва ноҳияи Зафарободи вилояти Суғдро ҳамчун минтақаи таҷрибавӣ интихоб намуда, барномаи махсусро барои дохил намудани маълумоти дафтари хоҷагӣ таҳия намуд. Бо мақсади ҷорӣ намудани дафтари электронии хоҷагии хонавода санаи 31 августи соли 2017 дар толори маҷлисгоҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд бо иштироки котибон ва шахсони

масъули мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳоти ноҳия семинари омӯзишӣ доир гардид.

Илова ба ин дар доираи лоиҳаи мазкур харидории ноутбукҳо, дастгоҳои танзими ҷараён, барномаи зиддивирусӣ, кондитсионер барои ҳуҷраи серверҳо, проектор, факс, дастгоҳи суратгирӣ ва дигар дастгоҳу таҷҳизоти ҳамроҳикунанда харидорӣ гардиданд.

Барои гузариш ба ҳисоботи электронӣ тафсири электронии шакли 1-савдо ва 1-хизмат омода гардида, ба барномаи “Ҳуҷраи шахсии ҳисоботсупоранда” якҷоя карда шуданд ва дар сервери марказии Агентии омор насб карда шуданд. Инчунин лоиҳаи ҷадвалҳои баромад барои гирифтани маълумоти ҷамъбастӣ тайёр карда шуданд. Аз руи шаклҳои мазкур омузиши минтақавӣ барои кормандони мақомоти омори маҳаллӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қурғонтеппа ва Кӯлоб гузаронида шуд.

Шакли электронии карточкаи регистр низ таҳия ва ба барномаи “Ҳуҷраи шахсии ҳисоботсупоранда” ҳамроҳ карда шуда дар сервери марказии Агентии омор насб гардид ва дохилкунии маълумот аз моҳи июли соли равон шуруъ гардид.

Инчунин Агентии омор дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ бо шарикони рушд - донорҳо ду мулоқоти корӣ баргузор намуд, ки дар кори мулоқоти мазкур роҳбарияти Агентии омор, Маркази кулли ҳисоббарорӣ намояндагони вазорату идораҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ ширкат варзиданд.

Бояд қайд намуд, ки дар мулоқотҳои баргузоргардида, масъалаҳои вобаста ба тақвият бахшидани низоми омори миллӣ, ҷори намудани усулҳои нави ҷамъоварии маълумотҳои оморӣ, зарурияти гузаронидани таҳқиқотҳои интихобӣ, беҳтар намудани технологияи таҳияи ҷадвали «Захираҳо - Истифодабарӣ», ташаккули методологияи омори савдои хориҷии молу маҳсулот дар самти омӯзиши метологияи баҳисобгирии савдои фаромарзӣ ва наздисарҳадӣ, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ анҷом дода мешавад ва дигар масъалаҳои зарури мавриди баррасӣ ва муҳокимарониҳо қарор дода шуданд.

Илова ба ин моҳи сентябри соли ҷорӣ дар доираи Лоиҳаи «Мониторинги татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор» мутахассисони Бахши омори Созмони Милали Муттаҳид бо мақсади баҳодиҳии имкониятҳои омории Тоҷикистон дар робитаи ба татбиқи нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор ба Агентии омор ташриф оварда, ҳолати кунуниро мавриди натиҷагирӣ қарор доданд.

Дар ин раванд баргузории як қатор вохӯриҳо бо Роҳбарияти Агентии омор ва сардорони Раёсату шуъбаҳои соҳавии дастгоҳи марказии Агентӣ ва гурӯҳи кории дар Агентии омор вобаста ба пайгирии нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор баргузор гардид.

Ҳамзамон вохурии коршиносон бо мутахассисони як қатор вазорату идораҳо аз ҷумла: Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати кишоварзӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои об, Вазорати тандурустӣ, Вазорати маориф ва илм, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ низ баргузор гардид.

Мавриди қайд аст, ки Агентии омор вобаста ба корҳои омодагии раунди навбатии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 корҳои муайянеро иҷро карда истодааст.

Агентии омор лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Комиссияи давлатии мусоидат ва қоидаҳои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020”-ро таҳия намуда, ба вазорату идораҳои дахлдор мувофиқ намуд ва барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонида шуд. Ҳамзамон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2018” низ ба тасвиб расонида шуд.

Ба мақомотҳои омори маҳаллӣ нақшаи чорабиниҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 “Дар бораи тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020” ирсол карда шуд. Ба Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби гузаронидани корҳои ба тартибдарории номгӯи кӯчаҳо, рақамгузории маҳаллаҳо, хонаҳо ва хуҷраҳои истиқоматӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон” мактуби дахлдор пешниҳод гардид.

Ба мақомотҳои омори маҳаллӣ оид ба аниқ намудани деҳаҳои аз 5000 нафар ва зиёда аз он аҳолӣ доранд, барои тартиб додани рӯйхати деҳаҳо оид ба тартиб додани нақшаҳои схематикии деҳаҳо ва Фармоишҳои Директори Агентӣ “Дар бораи тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020” дастури мушаххас дода шуда, ба вазорату идораҳои ҷумҳурӣ оиди ба чорабиниҳо вобаста ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2016, №511 “Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди

манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020” мактуб манзур гардид.

Дар давраи сипаригардидаи соли 2017 аз ҷониби мутахасисони раёсати барӯйхатгирии аҳолӣ ба мақомотҳои омори маҳаллии Сарраёсати Агентӣ дар вилояти МКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон сафарҳои хизматии анҷом дода шуд, ки дар ин раванд оид ба корҳои тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 мавриди натиҷагирӣ қарор гирифта, барои бартарафсозии камбудиву норасоиҳои дастуру тавсияҳо манзур гардид. Ҳамзамон бо дастгирии молиявии Хазинаи Нуфуси Созмони Миллали Муттаҳид дар шаҳри Норак ва минтақаи Кулоби вилояти Хатлон, шаҳри Хоруғи ВМКБ ва шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд дастурдиҳии омӯзишӣ «Дар бораи рафти корҳои тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020» гузаронида шуд ва тибқи нақша дар семоҳаи чоруми соли ҷорӣ даври омӯзишии мазкур дар минтақаи Қурғонтеппаи вилояти Хатлон, шаҳри Душанбе, минтақаҳои Ҳисор ва Рашт низ гузаронида мешавад.

Илова ба ин вобаста ба рафти корҳои тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ ва фонди манзил аз ҷониби мутахассисон ба бахши омори шаҳри Норак ёрии амалӣ расонида шуд.

Дар нуҳ моҳи соли 2017 тибқи нақшаи кории тасдиқ кардашудаи Агентӣ барои санҷиш, расонидани ёрии амалӣ ба мақомоти маҳаллии омор ва иштирок дар семинар – машваратҳо, омӯхтани таҷрибаи корӣ ба хориҷи дуру наздик дар маҷмуъ 445 нафар (берун аз ҷумҳурӣ 68 нафар ва дохилӣ 377 нафар) кормандони мақомоти омор сафари хизматӣ доштанд, ки аз ин нишондиҳанда 281 нафар (берун аз ҷумҳурӣ 48 нафар ва дохилӣ 233 нафар) кормандони Дастгоҳи марказӣ ва 164 нафар (берун аз ҷумҳурӣ 20 нафар ва дохилӣ 144 нафар) кормандони Муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарорӣ» мебошанд.

Натиҷаи сафарҳои хизматӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои методологии Агентӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар нуҳ моҳи соли 2017 мақомоти маҳаллии омор 1006 нафар роҳбарони корхонаву ташкилотҳоро ба маблағи 347 ҳазор сомонӣ ҷарима таъин намудаанд, ки аз ин маблағ ба буҷаи давлат 304 ҳазору 270 сомонӣ ворид шудааст, ки 87,6 фоизи маблағи умумии ҷаримаи таъинкардашударо ташкил медиҳад.

Дар мӯҳлати сипаришуда баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатии Агентӣ ҷамъбаст карда шуд. Бо баҳодиҳӣ ҳамагӣ 452 нафар хизматчиёни давлатии Агентӣ фаро гирифта шуданд.

Дар давраи ҳисобот дар Дастгоҳи марказии Агентӣ Сарраёсатҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва шаҳри Душанбе озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шуданд.

Дар Дастгоҳии марказии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ барои ишғоли 12 ҷойи холӣ баргузор гардид. Дар озмун 26 нафар иштирок намуданд. Дар натиҷаи озмун 2 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатии роҳбарикунанда ва 4 ба масабҳои маъмурии хизмати давлатӣ таъин карда шудаанд.

Дар Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе озмуни ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ барои ишғоли 2 ҷойи холӣ баргузор гардид. Дар озмун 6 нафар иштирок намуданд. Дар натиҷаи озмун 2 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ таъин гардиданд.

Дар вилояти Хатлон низ озмун барои ишғоли 10 мансаби маъмурии хизмати давлатӣ бо иштироки 7 нафар довталаб гузаронида шуд. Дар натиҷаи озмун 7 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ таъин карда шуданд.

Дар Дастгоҳи марказии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ гузаронида шуд. Дар аттестатсия 27 нафар хизматчиёни давлатии Дастгоҳи маркази ва мақомоти маҳаллии омор иштирок намуданд ва аз аттестатсия 23 нафар гузаштанд. 2 нафар ба аттестатсияи такрорӣ мононда шуд, 2 нафар аз мансаби ишғолнамудааш озод карда шуданд.

Дар давраи сипаришуда 1 нафар баъд аз хатми магистратураи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистонро аз рӯи ихтисоси “Идоракунии давлатӣ” хатм карда, ба ҷойи кори аввалааш баргашт ва тибқи озмун ба мансаби балантар яъне сармутахассиси раёсати ҷамъбасту таҳлили иқтисодӣ ва робитаҳои байналмилалии Агентӣ таъин карда шуд.

Дар давраи сипаришуда кор бо махзани маълумот дар шакли электронӣ идома дорад, ки ба он мунтазам маълумотҳои иловагӣ ворид карда мешаванд. Ин Барномаи электронӣ бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваст буда,

дар оянда дар назар дошта шудааст, ки ҳамаи маълумот ва ҳисоботи кадрӣ бо ин барнома анҷом дода мешаванд.

Ба ҳолати 1 октябри соли 2017 ҳисоботи шакли 1–ХД (Хизматчии давлатӣ) дар раванди ҷамъбастшавӣ қарор дорад ва ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар муҳлати сипаришуда дар Агентӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ 527 нафар, ки аз рӯи рӯйхати бастӣ тасдиқ гардидааст, 497 нафар хизматчии давлатӣ кору фаъолият карда истодаанд. Аз онҳо 140 нафарашон мансабҳои роҳбарикунанда мебошанд. Айни ҳол дар Агентӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ 30 ҷойи холӣ вуҷуд дорад.

Ба ҳолати 1 октябри соли 2017 дар муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарорӣ»-и Агентӣ 117 нафар кормандон тибқи басти вазифаҳо фаъолият менамоянд, ки аз он 48 нафарашро занон ташкил медиҳанд. Дар дастгоҳи марказии Агентӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ ҳамагӣ 497 нафар хизматчиёни давлатӣ, аз оҳо 188 нафарашон зан 37,8 фоиз фаъолият доранд, аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 414 нафар ё 83,3 фоиз дорои таҳсилоти олӣ аз ин шумора 405 нафар ё 81,5 фоизи онҳо бо ихтисоси молиявию иқтисодӣ ва муҳандисию техникӣ мебошанд. Боиси хурсандӣ ва дастгирии ҳамаҷониба аст, ки кормандони Агентӣ барои баланд бардоштани сатҳи дараҷаи таҳсилот мунтазам кӯшиш менамоянд ва шумораи таҳсилоти олидошта сол аз сол меафзояд ва айни замон 13 нафар хизматчиёни давлатӣ дорои 2 таҳсилоти олӣ, аз ҷумла 5 нафар хатмкардагони магистратура мебошанд.

Кормандони Агентӣ, хусусан ҷавонон мунтазам барои таҷрибаомӯзӣ ва табодули назар дар ҷаласа ва семинарҳои омӯзишии соҳаи омор дар ИДМ ва дигар давлатҳои пешрафтаи дунё иштирок менамоянд.

Ба ғайр аз ин, тибқи супоришҳои Протоколии маҷлисҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корҳо анҷом дода шуданд. Ҳар ҳафта рӯзҳои шанбе дар дастгоҳи марказӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ бо мақсади дар сатҳи баланд таҷлил намудани Идҳои миллӣ ҳашару шанбегиҳо гузаронида шуда, корҳои ободонӣ, аз ҷумлаи кабудизоркунӣ таъмирҳои ҷорӣ, шинондани ниҳолҳо ва гулҳои мавсимӣ, тоза намудани бино ва кӯчаҳои гирду атрофи идораҳои омор аз партовҳо, таъмири ҳавзҳои назди идора, таъмири қубурҳои обгузар ва ба монанди ин

иҷрои корҳо анҷом дода шуданд. Ин тасмим то баргузории Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон идома хоҳад ёфт.

Илова ба ин, ҷиҳати риоя намудани интизоми меҳнат, роҳ надодан ба пушидани либосҳои ғайри низоми хизмати давлатӣ, сарфакорӣ дар оростани дастархони идона, баргузор намудани ҷамъомадҳо дар дастгоҳи марказӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ дастуру супоришҳо дода шуда, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани талаботҳои Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими расму оин ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" назорати қатъӣ бурда мешавад.

Лозим ба қайд аст, ки дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ бахшида ба санаҳои таърихии ҷашнҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла: Иди Наврӯз, Рӯзи Ваҳдатӣ миллӣ, Истиқлолияти давлатӣ, Рӯзи забони давлатӣ ва дигар санаҳои таърихӣ дар Агентии омор бо иштироки шахсони барҷаста ва маъруфи соҳаҳои мухталифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомадҳо ва суҳбатҳои озоду кушод баргузор карда шуд.

Инчунин вобаста ба эълон гардидани соли 2017 ҳамчун соли "Ҷавонон" аз ҷониби Агентии омор нақшаи чорабиниҳои таҳия гардида, дар ин давра иҷрои як қатор корҳо аз ҷумла: корҳои ободониву бунёдкорӣ, тарғибу ташфиқи одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумии башарӣ, дар рӯҳияи ватандустиву хештаншиносӣ тарбия намудани кормандони ҷавон, дар давраҳои ҳисоботҳои оморӣ ҷамъоварӣ, ҷамъбаст ва паҳнамоии маълумотҳои омории эътимодноку саривақтӣ вобаста ба талаботи истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ, таъмини истифодаи сарфакорона ва босамару мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, гузаронидани бозиҳои варзишӣ аз қабили бозиҳои футболи хурд, волейбол, тенниси рӯи миз, шашка ва шоҳмот марҳила ба марҳила амалӣ гардида истодааст.

Агентии омор ҷиҳати иҷрои Нақшаи кори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи дуюми соли 2017, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2018» ва лоиҳаи «Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2018» - ро таҳия намуда, бо вазорату идораҳои дахлдор мавриди мувофиқа қарор дода, пешниҳодҳои аз ҷониби вазорату идораҳо манзургардидаро дар лоиҳаи маскур аз руи имкониятҳои мавҷудбуда ба инобат гирифта, барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Бо дарназардошти бартараф намудани камбудиву норасоиҳо вазифаҳои аввалиндарача то охири соли 2017 аз иҷрои корҳои зерин иборат мебошанд:

Иҷрои супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гарави пешравиҳо буда, то охири соли 2017 чунин вазифаҳо гузошта мешаванд:

1. таъмини иҷрои корҳои Барномаи корҳои оморӣ дар соли 2017;
2. вусъат додани корҳои омодагӣ ба барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ ва фонди манзил, истифодаи захираҳои меҳнатии ҷалбшаванда дар ин самт, тақвият додани ҳамкориҳои судманд бо вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба барӯйхатгирии аҳолӣ, ҷалби шарикони рушд барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолии санҷишӣ;
3. вусъат додани корҳои вобаста ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъалаҳои комиссияи давлатии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ”;
4. иҷрои бандҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020”;
5. иҷрои бандҳои дахлдори нақша-чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт;
6. иҷрои ҳатмии чорабиниҳои Лоиҳаи “Стратегияи миллии рушди омор” барои соли 2017;
7. дар сатҳи зарурӣ ташкил ва гузаронидани таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ дар якҷоягӣ бо Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, Агентии байналмилалии рушди ИМА; таҳқиқот барои таҳияи тавозуни сузишворию-энергетикӣ; таҳқиқоти интихобӣ оид ба таъсири муҳоҷират аз руи омилҳои гендерӣ якҷоя бо Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ;
8. вусъат додани фаъолияти гурӯҳҳои корӣ оид ба Ҳадафҳои Рушди Устувор; таҳияи хазинаи маълумотҳо ва метамаълумотҳо; таҳияи лоиҳаи Стратегияи миллии рушди омор барои солҳои 2018-2022; ҷорӣ намудани бизнес-модели раванди ташаккули омор GSBPM-5.0
9. якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор пурзӯр намудани корҳо дар самти ташаккули омори расмӣ дар ҳамаи соҳаҳо тибқи Таснифоти миллии маҳсулот ва хизматрасонӣ ва тафсири дуюми Таснифоти намуди фаъолияти иқтисодӣ;
10. гузаронидани санҷиши маълумотҳои аввалияи корхонаву ташкилотҳо мутобиқи нақшаи тасдиқшудаи мақомоти омори маҳаллӣ;

11. вусъат бахшидани корҳо дар самти зина ба зина ҷорӣ намудани коркарди ҳисоботи оморӣ бо истифода аз барномаҳои электронии махсуси таъминотӣ ва гузариш ба ҳисоботҳои омории электронӣ;
12. иҷрои чорабиниҳои Стратегияи миллии муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2013-2020 ва Нақша - чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016-2021;
13. беҳтар намудани сифат, шаффофияти ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти оморӣ мутобиқи стандартҳои омори байналмилалӣ;
14. мустаҳкам намудани интизоми меҳнат мутобиқи низомномаҳои хизмати давлатӣ ва дохилӣ, такмили дастурамалҳои вазифавӣ;
15. таъмини иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақша чорабиниҳои тасдиқгардида.